# НУСХА АЗ
# СУРАТҶАЛАСАИ № 5/4

ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

аз 30-юми декабри соли 2022. . ш.Душанбе

**Иштирок карданд:** 17 нафар аъзои Шурои олимони факултет, ҳайати устодони кафедраҳо, муқарризи холис.

## РӮЗНОМА:

**4**.Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи "Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғазолӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

## ШУНИДА ШУД:

Ҷаласаи васеи Шурои олимонро раиси Шурои олимони факултети педагогика номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Давлатзода Фаридун кушода, иброз намуд, ки муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи "Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғазолӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дар кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ ба анҷом расидааст. Мавзуи рисолаи илмии Олимов Тағойбек Шодиевич дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аз 27-уми январи соли 2017, таҳти №6/8.1 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ таҳти

роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, профессор Файзализода Ҷумахон Хол анҷом дода шудааст.

Бинобар ин, ба Шурои диссертатсионӣ қабул ва баррасии диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дар кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ ба анҷом расидааст, иҷозат дода шуд.

Баъд аз муҳокима ва хулосаи муқарризон, ки дар маҷлиси якҷояи кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии факултети педагогикаи донишгоҳ баргузор гардид (Суратҷаласа аз 30.11.2022, №5/2 замима мегардад), зинаи дуюми ташхис бояд дар назди Шурои олимони факултет муҳокима ва баррасӣ гардад.

Аз ин рӯ, дар асоси қарори Шурои олимони факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ № 4/5 аз 30.11.2022 барои ташхис, таҳлил ва баррасии диссертатсияи Олимов Т.Ш. муқарризони холис – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович ва номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогикаи умумии МДТ-и “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Шуҳрат Кучибоев таъйин шудааст. Муқарризи аввал Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович ҳозир ҳастанд, аммо бо сабаби вазнин будани роҳи Душанбе-Чонок дотсент Шуҳрат Кучибоев ҳозир шуда натавонист, вале тақризи хаттии хешро ирсол намудаанд.

Дар ин замина, дар ҷаласаи имрӯзаи Шурои олимони факултети педагогика бори дигар баррасии рисолаи илмии Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғазолӣ )” баргузор мегардад.

Роҳбари илмӣ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Файзализода Ҷумахон Хол, тақризи он кас низ мавҷуд аст. Агар ягон таклифу пешниҳодҳо бошад, марҳамат.

Сипас сухан ба унвонҷӯ Олимов Тағойбек барои маъруза оид ба муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ дода шуд. Олимов Тағойбек Шодиевич оид ба мубрамияти мавзуъ, сатҳи омӯзиши илмии мавзуъ, мундариҷаи

мухтасари бобу қисматҳои диссертатсия, натиҷаи корҳои гузаронидаи озмоишӣ, натиҷаву хулосаҳо ва тавсияҳо мухтасар маърӯза кард.

Аз ҷумла қайд намуд, ки дар адабиёти илмӣ масъалаҳои арзишҳои оиладорӣ ва ғояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони асри XI дар борай баланд бардории сифати таҳсилоти равияҳои педагогӣ мавзуи мубрами рӯз ҳисобида мешавад.

Объекти таҳқиқоти мо, пеш аз ҳама, афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик дар асрҳои XI маҳсуб меёбад.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот бошад,** дар раванди суханронӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию методӣ ва илмию амалии байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва шаҳриву вилоятӣ ба даст омадаанд. Нуктаҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар ҷаласаҳои кафедраҳои педагогикаи умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С.Айнӣ баён гардида, мавриди муҳокима ва таҳлилу баррасии комил қарор гирифтанд. Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ-бунёдӣ ва хулосаҳои диссертатсия, обзори илмию методии он дар раванди таҳсилотии ДДОТ ба номи С.Айнӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 25, 29, 33, 35 ноҳияи Ёвон ва № 43, 44, 58-и ноҳияи Вахш пешниҳод ва мавриди озмоиш қарор гирифтаанд.

**Масъалаҳои таҳқиқот** дар рисола аз усулҳои гуногун, ба монанди таҳлили муқоисавӣ-қиёсии ретроспективӣ, эмпирикӣ: пурсишнома, мусоҳиба, суҳбати ташхисӣ, мушоҳида, таҳлили озмоишӣ-таҷрибавӣ, коркарди маълумотҳои бадастомада дар марҳилаҳои таҳқиқот 430 нафар хонандагон, 95 нафар омӯзгорони МТМУ, 60 нафар падару модарон иштирок доштанд.

Натиҷаҳои тадқиқот дар шакли баромадҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар семинару ҷаласаҳои кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии ДДОТ ба номи С.Айнӣ, инчунин конференсияҳои ҷумҳуриявӣ дар шаҳри Душанбе, Бохтар ва Кӯлоб инъикос ёфтааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот бо дуруст гузоштани вазифаҳо, истифодаи маълумотҳои омори расмӣ; асоснокии мавқеъҳои методологии ибтидоӣ; мутобиқат ба маҷмуи усулҳои истифодашуда оид ба предмети таҳқиқот, вазифаҳои гузошташуда ва таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мешавад. Ба ғайр аз ин, мувофиқати

натиҷаҳои таҳқиқот ба натиҷаҳои дигар таҳқиқотҳои ба ҳам наздики муаллиф, инчунин ба муқаррароти ибтидоии назариявӣ муайян гардид.

Инчунин, дар идома муҳаққиқ асосҳои методологӣ ва назариявӣ, методҳои тадқиқотро нишон дода, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомадаро, ки дар диаграмма ва ҷадвалҳо инъикос гардидаанд, ба ҳозирин муаррифӣ намуд.

Баъд аз баромад, қисмати саволу ҷавоб оғоз гардид, иштирокчиёни ҷаласа ба унвонҷӯ саволҳо доданд, аз ҷумла д.и.п., профессор Раҷабов Т, н.и.п., дотсент Фозилов С., н.и.п.Ҷӯраев Ҳ. савол доданд, ки унвонҷӯ ба саволҳои эшон ҷавобҳои муфассал дод.

Дар асоси банди 50-уми "Тартиби додани дараҷаҳои илми"-и Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризи роҳбари илмии унвонҷӯ низ қироат карда шуд.

Сипас қисмати муҳокимаи кор оғоз шуд. Ибтидо муқаррizи холиси якуми диссертатсия, доктори илмҳои филологӣ, профессор, Солеҳов Шамсиддин–муфассал андешаву мулоҳизоти худро оид ба мазмуну мундариҷа ва дараҷаи иҷроиши рисолаи илмӣ иброз намуда, дар умум ба диссертатсия баҳои мусбат дода, муаллифашро сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) донист. Бо вуҷуди муҳассаноти кор 3 эрод низ аз ҷониби муқарриз ироа гардид.

Баъди баромади Ш.А. Солеҳов котиби илмии Шурои олимон С. Тағоев тақризи муқаррizи дуюми холис - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогикаи умумии МДТ-и "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Шухрат Кучибоевро пурра қироат намуд. ин тақриз низ мусбат буда, кори диссертатсионии Т.Олимвро кори анҷомёфта ҳисобидааст. Тақриз дорои 3 эрод, мебошад, ки ба шакли пешниҳоду тавсияҳо омадааст ва он ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии рисоларо коста намегардонад (тақриз замима шудааст).

Дар умум ҳар ду муқарризони холис кори диссертатсионии Т.Олимовро кори анҷомёфта ҳисобида, муаллифшро сазовори дараҷаи илмии номзади илми педагогика донистаанд ва корро барои зинаи дигар, яъне ҳимоя Шурои диссертатсионӣ тавсия карданд (тақризҳо замима мегарданд).

Баъди баромади муқарризон, унвонҷӯ Олимов Тагойбек Шодиевич барои посух гуфтан ба эродҳои муқарризон баромада, аксари эродҳои

мукарризонро кабул кард ва баён дошт, ки онҳоро ҳатман ислоҳ мекунад. Инчунин дар бораи сохтору банду басти рисола, андешаҳои хешро баён дошт ва дар баробари ин таъкид намуд, ки ҳатман дар ин бора бо роҳбари илмии хеш машварат мекунад.

Раиси ҷаласа Давлатзода Ф. фикру акидаи ибрознамудаи мукарризону иштирокчиёни ҷаласа ва посуху андешаҳои унвонҷӯро ҷамъбаст намуда, аз ҷумла қайд намуда, ки мавзуи таҳқиқотии Олимов Тағойбек Шодиевич “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғазолӣ)” дарвоқеъ аз мавзӯъҳои мубрами рӯз маҳсуб меёбад ва кормандони муассисаҳои таҳсилоти миёна ба чунин мавод ниёз доранд. Ҳамчунин ӯ қайд намуд, ки диссертатсия барои ташхиси минбаъда ё худ зинаи навбатӣ ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

**Хулосаи умумии ҷаласа.** Диссертатсияи унвонҷӯ Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)” кори илмии баанҷомрасида буда, ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пурра мувофиқат мекунад.

Дар анҷоми муҳокима бо назардошти пешниҳодоти иштирокчиён аз ҷониби аъзоёни Шуро,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:

1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсияи Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)” дар назди Шурои олимони факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки ва тақризи мукарризони холис гузаронидашуда ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)” барои дифоъ ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) кори илмии анҷомёфта ҳисобида

шуда, барои ҳимоя дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” пешниҳод карда шавад.

3. Хулосаи ҷаласаи Шурои олимони факултет, бо қарор барои тасдиқ ба раёсати ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод карда шавад

Қарор дар ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 17 нафар аъзоёни Шуро иштирок доштанд.

**Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдор - 17 нафар; муқобил – нест; бетараф – нест.**
Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, раиси Шурои олимонифакултети педагогикаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ — Ф. Давлатзода

**Муқарризон:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С.Айнӣ — Ш.А. Солеҳов

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогикаи умумии ДДХ ба номи Б.Ғафуров — Ш. Кучибоев

Котиби ҷаласа, котиби илмии Шурои олимони факултети педагогика — С. Тағоев

Имзоҳои Ф. Давлатзода, Ш.Солеҳов, Ш.Кучибоев ва С.Тағоевро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ — А. Мустафозода

*Суроға:734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*Ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.*
*тел: + 992 (37) 224-13-83 E-mail: info@tgpu.tj*